**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ҚАРОРИ**

**РАИСИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ**

аз «27» июли соли 2021, № 439

Дар бораи додани иҷозат ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Нил Сохтмон» барои сохтмони бинои 15 (понздаҳ) ва 18 (ҳаждаҳ) ошёнаи истиқоматӣ бо ҷойгиронии марказҳои хизматрасонӣ дар ду ошёнаи аввал, таваққуфгоҳи наклиёти дусатҳа дар таҳхонаи онҳо, воқеъ дар кӯчаҳои Ҳусейнзода №29 ва Истаравшан №15, ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе

Бо мақсади иҷрои банди 1 қарори Раиси шаҳри Душанбе аз 18 майи соли 2020, №300 «Дар бораи Тартиб ва меъёрҳои пардохт барои додани иҷозати сохтмони бино ва иншоот дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон - шаҳри Душанбе», бо инобати қарори Раиси шаҳри Душанбе аз 6 июни соли 2019, №335, хулосаи мусбии экспертизаи давлатӣ аз 10 июни соли 2020, №129/20/129, маълумотномаи Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Душанбе аз 28 апрели соли 2021, №18/3-1118 ва маълумотномаи Сарраёсати молияи шаҳри Душанбе аз 28 апрели соли 2021, №237, мутобиқи моддаҳои 19 ва 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», моддаи 17 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 14 Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи $82^6$ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет»,

**ҚАРОР МЕКУНАМ:**

1. Ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Нил Сохтмон» барои сохтмони бинои 15 (понздаҳ) ва 18 (ҳаждаҳ) ошёнаи истиқоматӣ бо ҷойгиронии марказҳои хизматрасонӣ дар ду ошёнаи аввал, таваққуфгоҳи наклиёти дусатҳа дар таҳхонаи онҳо, воқеъ дар кӯчаҳои Ҳусейнзода №29 ва Истаравшан №15, ноҳияи Шоҳмансур, дар қитъаи замини масоҳати умумии 0,35 (сифр аз сад сиву панҷ) гектар тибқи лоиҳаи тасдиқшуда, иҷозат дода шавад.

2. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Нил Сохтмон» ба сохтмони иншоот пас аз дастрас намудани иҷозати Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Душанбе оид ба оғози корҳои сохтмонӣ шурӯъ намуда, баъди анҷоми сохтмон иншоотро барои мавриди истифодабарӣ қарор додан ба комиссияи давлатии қабул пешниҳод намояд.

3. Пардохти дурусти маблағҳо ҳангоми қабули он дар санади комиссияи давлатии қабули иншоот, дар асоси шиноснома техникии аз ҷониби Корхонаи давлатии фаръии «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе таҳиягардида, муайян карда шуда, дар сурати кам ва ё зиёд шудани масоҳати умумии бино маблағи пардохти ҳатмӣ ва ҳисоббаробаркунӣ тибқи санади муқоисавӣ гузаронида шавад.

4. Кумитаи идораи замини шаҳри Душанбе ба ҳуҷҷатҳои кадастри замин тағйироти дахлдор ворид намояд.

5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини якуми Раиси шаҳри Душанбе, сарпарасти соҳа гузошта шавад.

РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ, МУРОҶИАТ ВА ҚАБУЛИ ШАҲРВАНДОН

Рустами Эмомалӣ